Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат).**

Ҳокимияти судӣ як рукни муҳимми низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ аст, ки адолати судиро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонад. Ҳамзамон, яке аз шаклҳои асосии фаъолияти давлат дар таъмини адолат буда, баробарии шаҳрвандонро дар назди қонун, инчунин, корхона, муассисаҳо ва ташкилотҳоро аз ҳар гуна суиқасд ҳимоя менамояд.

Дар низоми судии кишвар нақши судҳои иқтисодӣ низ дар таъмин намудани адолати судӣ назаррас арзёбӣ мегардад ва ҷузъи ҷудонашавандаи низоми судии кишвар ба ҳисоб меравад. Фаъолияти судҳои иқтисодӣ, ки ҳамчун низоми алоҳидаи ҳокимияти судии ҷумҳурӣ амал мекунад, барои баамалбарории адолати судӣ дар ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бармеоянд, равона гардидааст.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масъалаи мазкур ҳамчун заминаи муҳимми такмили низоми судӣ, аз ҷумла фаъолияти судҳои иқтисодӣ, баррасӣ гардида, яке аз воситаи муҳимми таъмини адолати судӣ тибқи тартиботи муқарраргардидаи қонунгузорӣ, ба хусус волоияти қонун ва таъмини баробарҳуқуқии тарафҳо сурат мегирад, ки дар асоси он поймолшавии ҳуқуқҳои инсон бартараф карда шуда, кафолати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳо, такмили қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад. Дар ин замина, татбиқи адолат бо такя ба меъёрҳои қонунгузорӣ ҳамчун воситаи асосии ташаккули ҷомеаи одилонаи шаҳрвандӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад.

Суд ҳамчун унсури марказии низоми ҳокимияти давлатӣ нақши асосиро дар барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда, пешгирии худсарии мақомоти давлатӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ мебозад.

Аз таҳқиқоти пурра ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқӣ-илмӣ таҳия гардидааст. Автерефератӣ диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар бар гирифта, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Таҳқиқи ҳокимияти судӣ, аз қабили судҳои иқтисодӣ ҳамчун яке аз институтҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд имкон медиҳад, ки моҳият ва дурнамои рушди он ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор гирифта, ҷиҳати одилона барқарор намудани адолати судӣ ва таҳкими устувории фаъолияти судҳо тавсияи илмӣ-амалӣ пешниҳод гарданд. Мубрамии мавзуъ бо дарназардошти таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқии ташаккулу инкишофи судҳои иқтисодии давлатҳои ИДМ, таҳлили таҷрибаи ин давлатҳо барои такмили таҷрибаи судии иқтисодӣ дар Тоҷикистон, истифодаи таҷрибаи давлатҳои ИДМ, муайян намудани хусусиятҳо, тафовут ва умумияти ин таҷриба дар ИДМ муҳим аст.

Зокирзода Н.И. дар раванди таҳқиқоти илмӣ як қатор нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро оид ба фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ пешниҳод намудааст, ки онҳо барои такмили минбаъдаи қонунгузории ватанӣ муҳим мебошанд. Аз мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллифи диссертатсия вазифаҳои дар наздаш гузошташударо то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст.

Автореферати диссертатсияи Зокирзода Н.И. ба таҳқиқоти мустақилонаи илмии мубрам "Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ", бахшида шудааст.

Сохтори диссертатсия бо мақсаду ҳадафҳо ва вазифаҳои дар он зикргардида мутобиқат намуда, аз номгуи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки** муаллиф дар автореферат (дар банди 3-и хулосаҳо) мафҳуми "низоми судӣ"-ро истифода намудааст, ки мазмуни он дар авторефарат равшан нест. Аз ин лиҳоз, дар рафти ҳимоя шарҳдодани мафҳуми он ба мақсад мувофиқ аст.

Эроди мазкур хусусияти тавсиявиро доро буда, мазмун, мақсад ва моҳияти таҳқиқотро тағйир намедиҳад.

Аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулоса омадан мумкин аст, ки Зокирзода Нодира Иномҷон зимни навиштани рисолаи диссертатсионӣ дар мавзуи "Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ", қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва сохти илмии таҳқиқот ба талаботи

муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
Сарходими илмии шуъбаи илмии масоили
назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири
Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ
Тел. 887 08 43 44, E-mail:t.kodirzoda@mail.ru Қодирзода Т.Қ.
**суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Рудакӣ, к. Балхӣ 2/3;
тел: 887-08-43-44.

Имзои Қодирзода Т.Қ.-ро
тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти давлат ва
ҳуқуқи АМИТ Давлатмуродзода Б.Д.
**суроға:**Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025,
ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 19;
тел/факс 8(992)37 221-65-72; 221-65-85;
E-mail: idh@amit.tj
«14» 05 2026 с.